ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ РУШДИ УСТУВОР ВА ИҚТИСОДИ САБЗ
РАЁСАТИ РУШДИ СТРАТЕГӢ ВА МЕНЕҶМЕНТИ СИФАТ

КОНСЕПСИЯИ

Конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи
«Татбиқи принсипҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз дар низоми таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
27 ноябри соли 2026
шаҳри Душанбе

1. Муқаддима ва асосноккунии мавзуъ

Таҳсилоти касбӣ дар шароити тағйирёбии иқлим, рақамикунонии иқтисодиёт ва афзоиши талабот ба малакаҳои нав бояд на танҳо донишҳои касбӣ, балки салоҳиятҳои рушди устувор, масъулияти экологӣ ва қобилияти татбиқи технологияҳои инноватсиониро ташаккул диҳад. Ҳамгироии иқтисоди сабз ба барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти илмӣ ва низоми дохилии таъмини сифати таҳсилот аз вазифаҳои муҳими сиёсати рушди сармояи инсонӣ мебошад. Конфронс дар заминаи афзалиятҳои Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад. Диққати махсус ба робитаи амалии сиёсати давлатӣ, талаботи бозори меҳнат, таҳқиқоти илмӣ ва идоракунии сифати таҳсилот равона мешавад.

Баргузории конфронс ба ду санаи муҳим рост меояд: Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 ноябр) ва Рӯзи байналмилалии ҷалби ҷомеа ба илм ба манфиати рушди устувор (27 ноябр), ки аз ҷониби Конфронси генералии ЮНЕСКО соли 2025 эълон гардидааст. Санаи 27 ноябри соли 2026 нахустин таҷлили ин рӯзи байналмилалӣ мебошад.

2. Ташкилкунандагон ва иштирокчиён

- ✓ Институти илмию таҳқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
- ✓ Раёсати рушди стратегӣ ва менеҷменти сифати Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Ба конфронс намояндагони вазорату идораҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, шарикони байналмилалӣ, корфармоён, профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва муҳаққиқони ҷавон даъват мешаванд.

3. Мақсад

Муттаҳид намудани иқтидори илмӣ, таълимӣ ва идоракунӣ барои таҳлили мушкилоти ҳамгироии принсипҳои рушди устувор ва иқтисоди сабз ба таҳсилоти касбӣ ва таҳияи пешниҳодҳои мушаххаси татбиқшаванда оид ба стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ, малакаҳои сабз, таҳқиқоти инноватсионӣ ва таъмини сифати таҳсилот.

4. Вазифаҳои асосӣ

1. Таҳлили заминаҳои сиёсӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии рушди устувор ва иқтисоди сабз дар таҳсилоти касбӣ.
2. Арзёбии имкониятҳои ворид намудани Ҳадафҳои рушди устувор ба стратегияҳои муассисаҳо, натиҷаҳои омӯзиш ва низоми дохилии таъмини сифат.
3. Муайян намудани талаботи бозори меҳнат ба малакаҳои сабз дар соҳаҳои сайёҳӣ, соҳибкорӣ, энергетика, саноат ва кишоварзӣ.
4. Муаррифии таҷрибаҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва усулҳои таълими ба салоҳият асосёфта.
5. Рушди ҳамкории муассисаҳои таълимӣ, марказҳои илмӣ, давлат ва бахши хусусӣ дар таҳқиқоти амалӣ ва лоиҳаҳои инноватсионӣ.
6. Таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои такмили сиёсати таълимӣ, стандартҳо, барномаҳо ва механизмҳои идоракунии сифат.

5. Самтҳои илмии конфронс

Бахши 1. Идоракунии стратегӣ, таъмини сифат ва сиёсати рушди устувор

- Сиёсати давлатӣ ва асосҳои меъёрии ҳуқуқии гузариш ба иқтисоди сабз;
- Ҳамгироии Ҳадафҳои рушди устувор ба стратегия ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;
- Низоми дохилии таъмини сифати таҳсилот, арзёбии натиҷаҳои омӯзиш ва аккредитатсияи барномаҳо;
- Татбиқи консепсияи «Донишгоҳи сабз» ва истифодаи нишондиҳандаҳои UI GreenMetric ҳамчун абзори таҳлил ва такмил;
- Маърифати экологӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва арзишҳои миллӣ дар таҳсилот.

Бахши 2. Навсозии барномаҳои таълимӣ ва ташаккули малакаҳои сабз

- Модернизатсияи стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва натиҷаҳои омӯзиш;
- Малакаҳои сабз ва талаботи корфармоён ба хатмкунандагони таҳсилоти касбӣ;
- Омодасозии мутахассисон барои экотуризм, соҳибкории сабз ва истеҳсолоти устувор;
- Зеҳни сунъӣ, технологияҳои рақамӣ ва шаклҳои инноватсионии омӯзиш;
- Такмили ихтисоси омӯзгорон ва таҳсилоти муттасили касбӣ.

Бахши 3. Таҳқиқоти илмӣ, инноватсия ва шарикии байнисоҳавӣ

- Энергияи барқароршаванда, идоракунии захираҳои об ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;

- Иқтисоди даврӣ, технологияҳои камкарбон ва истифодаи оқилонаи захираҳо;
- Молияи сабз, тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқот ва соҳибкории инноватсионӣ;
- Ҳамкории давлат, илм, маориф ва бахши хусусӣ;
- Стартапҳои донишҷӯӣ, лоиҳаҳои муштарак ва иштироки ҷавонон дар илм.

6. Натиҷаҳои пешбинишаванда

- ✓ Тавсияҳои илмӣ-амалии конфронс;
- ✓ Таҳияи пешниҳодҳо барои ворид намудани салоҳиятҳои рушди устувор ва малакаҳои сабз ба барномаҳои таълимӣ;
- ✓ Муайян кардани самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти муштарак ва ҳамкории байналмилалӣ;
- ✓ Пешниҳоди механизмҳои такмили низоми дохилии таъмини сифат ва арзёбии рушди устувори муассисаҳо;
- ✓ Омодасозии маводи илмии аз ҷониби ҳайати таҳририя интихобшуда барои маҷмуаи конфронс.

7. Шакл, забонҳо ва тартиби баргузорӣ

- ✓ Сана ва макон: 27 ноябри соли 2026, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
- ✓ Шакл: ҳузурӣ ва маҷозӣ.
- ✓ Оғози ҷаласаи ифтитоҳӣ ва пленарӣ: соати 10:00. Вақти кори бахшҳо ва тартиби маърузаҳо тибқи барномаи алоҳида муайян карда мешаванд.
- ✓ Забонҳои корӣ: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

8. Қабули мавод ва иртибот

Дархост барои иштирок то 26 ноябри соли 2026 ва маводи илмӣ то 15 декабр тавассути почтаи электронӣ қабул карда мешаванд. Меъёрҳои таҳия ва тартиби пешниҳоди мавод дар мактуби иттилоотӣ ва замимаҳои он муайян гардидаанд.

Шахси масъул: Қурбонов Маъруф. Телефон: +992 93 666 02 95. Почтаи электронӣ: mustafam30@mail.ru

Қайд: нашри мавод дар пойгоҳҳои берунии иттилоотию илмӣ, аз ҷумла eLIBRARY.RU/РИНЦ, танҳо дар сурати мавҷуд будани имконият ва тасдиқи расмии ташкилкунандагон эълон карда мешавад.